## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ).**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҳайати докторони илмҳои таърих Маликов Маҳмуд Ҳакимович, Ҳотамов Намоз Басарович, Додхудоева Лариса Назаровна диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнулоро дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) мавриди ташхис қарор дода, хулосаи хешро ба тариқи зайл манзур менамояд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ва атореферати Айнулозода Наҳтулло Айнулоро дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» ба ихтисос ва соҳаи илме, ки диссертатсия аз рӯйи он барои баррасӣ ва ҳимоя пешниҳод шудааст - 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пурра мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло ба таҳқиқ ва таҳлилу баррасии равандҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои 1924 - 2021 бахшида шудааст. Давраи таҳқиқот дар таърихи халқи тоҷик марҳилаи муҳим арзёбӣ гардида, болоравии нақши роҳу нақлиёт

ва инфрасохтори онро дар рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, инчунин робитаҳои байналхалқии нақлиётӣ дар бар мегирад.

Диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», шаш боб, чаҳордаҳ зербоб, бахши «Хулосаҳо», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Рӯйхати адабиёт» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 376 саҳифа чопи компютерӣ иборат буда, 13 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 378 номгӯй иборат аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия дар заминаи истифодаи манбаъҳои ғанӣ ва гуногунҷабҳаи таърихӣ, методҳои таҳлилӣ-назарӣ ва усулҳои илмии таҳқиқотӣ асос ёфгааст. Дар доираи таҳқикот таҳлил ва омӯзиши маҷмуи санадхои расмӣ ва ҳизбӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, маълумоти оморӣ, харитаҳои инфрасохторӣ ва асарҳои муҳаққиқони пешин дар асоси илми таърих анҷом ёфтааст.

Мувофиқат ва ҳамоҳангии хулосахои таҳқиқот бо воқеиятҳои таърихӣ тавассути истифодаи усулҳои муосири таҳлили таърихӣ, хронологӣ ва мукобилавӣ таъмин гардидааст. Ҳамчунин, пайгирии муназзами таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба соҳаҳои нақлиёт ва роҳсозӣ имкон дод, ки натиҷаҳои тадқиқот бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ пешниҳод шаванд.

Дар маҷмуъ, хулосаҳои бадастомада дар ин таҳқиқот на танҳо ба далелҳои муътамад такя доранд, балки метавонанд дар таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ, таҳқиқоти минбаъда ва барномаҳои рушди инфрасохтории кишвар ҳамчун асоси боэътимод истифода шаванд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти пешниҳодгардида таҳлилу хулосабарориҳои илман асоснокшуда ва мукаммали равандҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори роҳу нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои 1924 - 2021 мебошад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда фарогири дастовардҳо ва дигаргуниҳои куллии

соҳаи роҳу наклёт ва инфрасохтори он аз замони таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон (1924), ҶШС Тоҷикистон (1929), заволи Иттиҳоди Шуравӣ (1991), соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон (1991) ва то ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ (2021) мебошад.

Аз нуқтаи назари методологӣ, рисола дар асоси усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ, таърихи-қиёсӣ, тахдилӣ-оморӣ ва дигар усулҳои илмӣ таҳия ва васеъ истифода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омӯзиши равандҳои иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон, махсусан дар соҳаи рушди роҳу нақлиёт, ҳамчун манбаи илмӣ ва амалӣ хизмат намоянд. Диссертант дар доираи таҳқиқ равандҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1924-2021-ро бо назардошти таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ намуда, таъсири соҳаи роҳу нақлиётро ба рушди истеҳсолот, тиҷорат, ҳамгироии минтақавӣ ва амнияти стратегӣ ба таври системавӣ нишон додааст. Аз ин лиҳоз, натиҷаҳои рисола метавонанд барои таҳлилу муқоисаи масъалаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла таъсири рушд ва инкишофи роҳҳо ба пайвастагии минтақавӣ, коҳиши маҳдудиятҳои коммуникатсионӣ, беҳтаршавии дастрасӣ ба захираҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ҳамчунин таҳкими нақши Тоҷикистон ҳамчун кишвари транзитӣ дар минтақа ҳамчун манбаи боэътимод истифода шаванд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз маҷмуи васеи манбаъҳои расмӣ ва таърихӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, маълумоти оморӣ, санадҳои давлатӣ, матбуоти даврӣ ва асарҳои илмии ватаниву хориҷӣ васеъ истифода кардааст, ки ин барои дарёфти тасвири воқеии рушд ва тағйирёбии инфрасохтори роҳу нақлиёт заминаи илмӣ фароҳам меорад. Ҳамзамон, интишороти диссертант дар шакли мақолаҳои илмӣ ва иштироки ӯ дар конференсияҳои илмӣ нишонаи фаъолият ва ҷиддият дар таҳқиқ буда, ба эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат мекунанд.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Айнулозода Н.А. ҳеҷ гуна маълумоти тасдиқнашуда ё беасос ошкор нашудааст. Ҳамаи

маълумотҳо бо ишора ба манбаъҳо ва иқтибосҳои дахлдор асоснок гардидаанд.

Комиссияи эксперти диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) баррасӣ намуда, дар асоси талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ), ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи эксперти муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватанӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна -** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

- **Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад -** доктори илмҳои таърих, дотсент, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- **Ҳомидзода Фурқат Муқим -** доктори илмҳои таърих, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии **«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Института таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи

Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор Маликов М.Ҳ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор Ҳотамов Н.Б.

доктори илмҳои таърих, профессор Додхудоева Л.Н.

14.04.2026